Бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «____» _____ соли 2015, №___
тасдиқ гардидааст

**Методологияи автоматикунонидани ҷамъоварии иттилоот оид ба шиносномаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (МТТ)**

**Марҳилаи 1.** Хонапурӣ кардани маълумот оид ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар шиносномаи МТТ ва ворид кардан ба барномаи компютерии «Шиносномаи МТТ»

Ҳар як шуъбаи маорифи ноҳия (шаҳр) дар як соли хониш 3 маротиба ***шиносномаи МТТ*** муассисаҳои таҳсилоти томактабиро хонапурӣ ва ё муқоиса карда, маълумоти онро ба барномаи компютерии САИ «Шиносномаи МТТ» ворид менамояд. Пеш аз хонапурӣ кардани шиносномаи мазкур бо қоидаҳои хонапурӣ кардани он, ки дар дастурамал нишон дода шудаанд, бояд шинос шуд. Мутасаддӣ оид ба хонапурӣ кардани шиноснома **сардори бахши хадамоти** назди шуъбаи маориф ва **иқтисодчии шуъбаи маориф** мебошад. Шиносномаи МТТ-ро мутасаддӣ оид ба хонапурӣ кардани он дар якҷоягӣ бо директори муассиса хонапурӣ карда, маълумоти онро ба барномаи компютерии «Шиносномаи МТТ» ворид менамоянд. Баъд аз ворид кардани маълумоти шиносномаи МТТ дар барномаи компютерӣ, ***«Шиносномаи МТТ»*** тавассути барнома дар 2 нусха чоп гардида, бо имзо ва муҳри мудири шуъбаи маориф тасдиқ мегардад. Баъд аз тасдиқ гардидан «Шиносномаи МТТ» тавассути **ламинат ё файл** рӯйпуш гардида, ба директори муассисаи таҳсилоти томактабӣ супорида мешавад.

**Дар ҳолати тағйир ёфтани яке аз нишондиҳандаҳои муассиса таҳсилоти томактабии ноҳия (шаҳр), зарур аст, ки «Шиносномаи МТТ»-и он муассиса бори дигар аз марҳилаи 1 гузаронида шуда, тасдиқ гардад.**

Дар ҳолати тағйир наёфтани «Шиносномаи МТТ» масъули ҳуҷҷати мазкур (директори муассисаи таҳсилоти томактабӣ) ***шиносномаро*** дар **се давр** (дар аввали соли хониш то 5 сентябр; миёнаи соли хониш то 5 январ ва охири соли хониш то 5 июн) бо шӯъбаи маориф мувофиқа карда, дар сурати ба миён омадани тағйирот онро ворид менамояд.

**Марҳилаи 2.** Пешниҳод намудани маълумоти электронӣ ва ҳисоботи ҷамъбастӣ оид ба «Шиносномаи МТТ» ба раёсати маорифи вилоят (шаҳр)

Мутасаддии шуъбаи маориф маълумоти электронӣ ва ҳисоботи чопшударо оид ба «Шиносномаи МТТ» тавассути почтаи электронӣ ё FTP-сервер ба раёсати маорифи вилоят (шаҳр) пешниҳод менамояд. Ноҳияҳои тобеи марказ маълумотро ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод менамоянд. Муҳлати пешниҳод намудани маълумот дар се давр:

**дар аввали соли хониш то 10 сентябр**, **дар миёнаи соли хониш то 10 январ** ва **охири соли хониш то 10 июн** мебошад.

**Марҳилаи 3.** Пешниҳод намудани маълумоти электронӣ ва ҳисоботи ҷамъбастӣ оид ба «Шиносномаи МТТ» ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутасаддии раёсати маорифи вилоят (шаҳр) оид ба шиносномаи МТТ маълумоти электронии ҳар як ноҳияро дар барномаи компютерии «Шиносномаи МТТ» воридот менамояд. Пас аз ин, маълумотро таҷдиди назар намуда, онро тавассути почтаи электронӣ ё FTP-сервер дар муҳлати муқарраргардида ба Вазорати маориф ва илм ирсол менамояд. Муҳлати пешниҳод намудани маълумот дар 3 давр: **дар аввали соли хониш то 15 сентябр**, **дар миёнаи соли хониш то 15 январ** ва **охири соли хониш то 15 июн** мебошад. Масъули иҷрои марҳилаи мазкур сардори раёсати маорифи вилоят (шаҳр) мебошад.

**Марҳилаи 5.** Ҷамъоварӣ намудани маълумоти электронӣ ва ҳисоботи ҷамъбастӣ оид ба «Шиносномаи МТТ» ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шахси мутасаддии шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илми Вазорати маориф ва илм оид ба «Шиносномаи МТТ» файлҳои электрониро ба манбаи ягона ворид менамояд. Онҳоро бори дигар таҷдиди назар намуда, тариқи барнома ҷамъбаст мекунад.

Шахси масъул оид ба ҷамъоварӣ намудани маълумоти электронӣ – мудири шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## Шуъбаи маориф (ноҳия, шаҳр)

Шахсҳои мутасаддӣ оид ба хонапурӣ кардани шиносномаи МТТ:

1. Хонапурӣ кардани шиносномаи МТТ дар якҷоягӣ бо директори муассиса;
2. Ворид кардани маълумоти шиноснома ба барномаи компютерии «Шиносномаи МТТ»;
3. Чоп намудани шиносномаи МТТ ва тасдиқ кардани он (бо имзо ва муҳр);
4. Пешниҳод кардани маълумоти электронӣ ба Раёсати маорифи вилоят (шаҳр) тавассути почтаи электронӣ ё FTP сервер.

Ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи шуъба ба Раёсати маорифи вилоят (шаҳр) пешниҳод карда мешаванд:

1. Маълумот оид ба шиносномаи МТТ (дар шакли электронӣ (формати (.pdf)) ва файлҳои электронии барномаи компютерӣ);

## Раёсати маорифи (вилоят, шаҳр)

Шахси мутасаддӣ оид ба шиносномаи МТТ дар Раёсати маориф:

1. Тафтиш оид ба дуруст хонапурӣ кардани шиносномаи МТТ;
2. Воридот намудани маълумоти электронӣ дар манбаи маълумоти барномаи компютерӣ;

Ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи Раёсати маорифи вилоят (шаҳр) ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод карда мешаванд:

1. Маълумоти электронӣ (дар шакли (.pdf) оид ба шиносномаи МТТ;
2. Файлҳои электронии барномаи «Шиносномаи МТТ» (вилоятӣ, шаҳрӣ);

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМ**

Шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм